Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

24 июни соли 2020. Чоршанбе № 41 (14640)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР РОҲИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 июн бо сафари корӣ ба Федератсияи Русия омад.

Дар фурудгоҳи Внуковои пойтахт роҳбари давлати мӯро намояндагони расмии Ҳукумати Русия истиқбол гирифтанд.

Нуқтаи аввали барномаи боздиди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар пойтахти Федератсияи Русия – шаҳри Маскав мулоқоти сарони ду мамлакат гардид.

Роҳбари давлати мӯро дар Кремл Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин пазироӣ намуд.

Зимни гуфтугӯ масъалаҳои минбаъд мустаҳкамсозии муносиботи шарикии стратегӣ ва ҳамкории бисёрҷанба баррасӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки дар ин рӯзҳо ташрифи давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Русия ба нақша гирифта шуда буд. Аммо дар саросари ҷаҳон паҳн гардидани пандемияи коронавирус нақшаро тағйир дод ва ин чорабинӣ ба муддати баъдӣ ба таваққуф гузошта шуда буд.

Роҳбари Русия ба Шавкат Мирзиёев барои пазируфтани даъват барои иштирок дар тантанаҳо ба муносибати Ғалабаи Бузург миннатдорӣ изҳор намуд.

«Ин намоиши равшани муносибати ба худ хоси иттифоқии мост», дар бораи нахустин иштироки намояндагони Қуввaҳои Мусаллаҳи мамлакатамон дар паради 24 июн дар Майдони Сурх дар таърихи Ӯзбекистони соҳибистиқлол сухан ба миён оварда, таъкид намуд Владимир Путин.

Президенти Русия инчунин саҳми бузурги Ӯзбекистонро дар Ғалаба, кӯшиши меҳнаткашони ақибгоҳ, меҳрубонии халқамон, ки барои эвакуатсияшудагон зоҳир намуда буданд, махсус таъкид кард. Ташкили Боғи Ғалаба дар Тошканд махсус таъкид гардид.

Дар навбати худ роҳбари давлатамон Владимир Путин ва тамоми мардуми Русияро бо ҷашни бузург табрик намуд. «Ин таърихи умумӣ ва ғалабаи умумии мост», изҳор намуд Шавкат Мирзиёев. Ба ҷониби Русия барои омодагии пешниҳод намудани материалҳои архив барои ғанӣ сохтани фонди Маҷмӯи ёдгорӣ дар Боғи Ғалаба дар Тошканд, инчунин барои баркарор намудани маълумотҳои статистикии ҳарчи дақиқ дар бораи саҳми халқи Ӯзбекистон дар Ғалаба миннатдорӣ изҳор гардид.

Ҷонибҳо бо қаноатмандии том рушди муттасили робитаҳои дуҷонибаро дар солҳои охир таъкид намуданд.

Сарфи назар аз таъсири манфии оқибатҳои бухрони ҷаҳонӣ табодули мол суръати барқарорӣ худро аз даст надодааст. Ҳамин тариқ вай соли гузашта ба 6,6 миллиард доллар расид. Дар моҳҳои аввали соли ҷорӣ ҳаҷми табодули моли тарафайн қариб 2 миллиард долларро ташкил намуд.

Ширкатҳои пешсафи мамлакатҳоямон ҳамкориро амиқ месозанд: ҳоли ҳозир онҳо аз 2 ҳазор корхонаи муштарак ва лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ ба ҳаҷми беш аз 12 миллиард доллар бо фарогирии тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёти мамлакатамон иборатанд.

Умуман сармояи Русия ба иқтисодиёти Ӯзбекистон беш аз 10 миллиард доллар гардид.

Дигар самти афзалиятнок табодули назарраси муттасили илмиву таълимӣ мебошад. Дар чанд соли охир дар Ӯзбекистон 7 филиали муассисаҳои таълими олии пешсафи Русия созмон дода шуданд. Теъдоди умумии онҳо аллакай 10-торо ташкил менамояд. Созмон додани филиали боз 4 донишгоҳи Русия дар навбат аст.

Чунин мисолҳои ҳамкории муфиди тарафайн ва натиҷабахш хеле зиёданд.

Ин натанҳо савдову сармоягузорӣ, нақлиёт ва таълим, балки инчунин хоҷагии қишлоқ, илм ва инноватсия, тандурустӣ, маданият, сайёҳӣ ва дигар самтҳои муҳим мебошад.

Роҳбарони давлатҳо масъалаҳои муҳими муносибати Ӯзбекистону Русияро баррасӣ намуданд.

Аҳамияти идома додани гуфтугӯи фаъол ва таъмини татбиқи амалии шартномаҳо дар доираи фаъолияти Комиссияи муштарак дар дараҷаи сарони ҳукуматҳо ва Комиссияи байниҳукуматӣ таъкид шуд.

Ба ҳукуматҳои ду мамлакат идома додани омодагии ҷиддӣ ба ҳамоиши оянда бо эътибор додан ба барномаҳои нави иқтисодӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории умда супориш дода шуд.

Роҳбарон инчунин дар заминаи масъалаҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуданд. Ҷадвали мулоқотҳои оянда дар дараҷаи олӣ, аз он ҷумла дар масъалаҳои омодагӣ ва баргузор намудани ҳамоишҳои навбатии ИДМ ва СҲШ ҳамоҳанг намуданд.

Бо ҳамин вохӯрии президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Владимир Путин ба итмом расид.

Имрӯз иштироки роҳбари давлат дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 75-солагии Ғалабаи Бузург аз болои фашизм ба нақша гирифта шудааст.

ӮзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Дар бораи мулоқоти телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 22 июн бо Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон — Элбошӣ Нурсултон Назарбоев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.

Дар ибтидои суҳбат Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Элбошӣ Нурсултон Назарбоев шифои ҳарчи зуттару комил, саломатии мустаҳкам ва қавирӯҳӣ таманно кард.

Зимни суҳбат тадбирҳои муштараки байни ҳукуматҳои ҳарду кишвар оид ба пешгирии паҳншавии сирояти коронавирус, инчунин коҳиш додани таъсири манфии пандемия ба муносибатҳои дуҷонибаи рушдёбанда ва иқтисодиёти Ӯзбекистон ва Қазоқистон баррасӣ шуданд. Аҳамияти таҳкими минбаъдаи ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштарак дар ин самтҳо таъкид шуд.

Васеъ гардондани ҳамкориҳои амалии Ӯзбекистон ва Қазоқистон, ки ба принсипҳои дӯстии чандинасра, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ асос ёфтааст, бо қаноатмандӣ таъкид гардид. Дар самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои мутақобилан судманд лоиҳаҳои муштарак татбиқ карда мешаванд. Барои таҳкими ҳамкории саноатӣ «харитаи роҳ» ба мувофиқа расонида шуд, ки татбиқи зиёда аз даҳ лоиҳаҳои навро пешбинӣ менамояд.

Инчунин оид ба ҷадвали мулоқоту чорабиниҳои дар пешистода мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар поёни суҳбат Шавкат Мирзиёев ва Нурсултон Назарбоев барои халқҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистон сулҳу осоиш, фаровонӣ ва шукуфоӣ таманно намуданд.

ӮзА.

Нуқтаи назар

ТАРТИБОТИ «ФАЗОИ КУШОД» РАҚОБАТРО ПУРЗӮР МЕГАРДОНАД, НАРХҲОРО КОҲИШ, МИҚДОРИ САЙЁҲОНРО АФЗОИШ МЕДИҲАД

Аз 1 августи соли равон дар ҳамаи фурудгоҳҳои ҳудудии Ӯзбекистон ҷорӣ гардидани тартиботи «Фазои кушод» эълон гардид.

Тартиботи «Фазои кушод» чӣ маъно дорад? Агар ин низом ҷорӣ карда шавад, оё ба фаъолияти ширкати ҳавопаймоии миллӣ таъсири манфӣ намерасонад? Ба мусофирон чӣ гуна имкониятҳо дода мешаванд, оё нарҳҳо поин хоҳанд рафт?

Хабарнигори ӮзА ба мақсади посух гирифтан ба ин суолҳо бо муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон **Ҷасурбек ҶОРИЕВ** суҳбат кард.

— 12 июни соли 2020 вазири нақлиёт оид ба ҷорӣ намудани «Фазои кушод» дар ҳамаи фурудгоҳҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон фармон содир кард. Фармони мазкур мувофиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 феврали соли 2019 «Дар бораи чораҳо оид ба куллан такмил додани системаи идоракунии давлатӣ дар соҳаи нақлиёт» ва 13 августи соли 2019 «Дар бораи чораҳои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ба мақсади баланд бардоштани самаранокии ислоҳоте, ки дар соҳаҳои авиатсияи шаҳрвандӣ ва сайёҳӣ татбиқ мешаванд, таҳия шудааст.

Аз 1 августи соли 2020 сар карда тартиби «Фазои кушод» ба муддати ду сол то охири мавсими «зимистони 2022/2023» бо имконияти дароз кардан ё тағйир додани шароити Созмони байналмилалии нақлиёти ҳавоӣ ҳангоми татбиқи қонуни «озодии панҷуми ҳаво» дар 10 фурудгоҳи минтақавии Ӯзбекистон ҷорӣ карда мешавад.

Мувофиқи фармон дар фурудгоҳҳои Қаршӣ, Нукус, Тирмиз, Бухоро, Навоӣ ва Урганҷ режими «Фазои кушод» бидуни ягон маҳдудият ҷорӣ карда мешавад. Дар фурудгоҳҳои Андиҷон, Фарғона, Намангон ва Самарқанд — бо ба ҳамаи ширкатҳои ҳавопаймоии давлатҳои аъзои Созмони байналмилалии авиатсияи граждани ҳуқуқи ба амал баровардани парвозҳои мусофирӣ дар ин аэропортҳо бидуни маҳдудкунии басомад бо назардошти имконоти техникии онҳо, аз он ҷумла озодии панҷуми ҳаво, бинобар хатсайрҳое, ки дар онҳо мусофиркашонии Ӯзбекистон истифода намебаранд, фароҳам оварда мешаванд.

Дар фурудгоҳи Самарқанд тартибот пас аз ба анҷом расидани таъмир ҷорӣ карда мешавад. Мувофиқи он ба ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ҳуқуқ барои ичрои парвозҳои боркаш то озодии ҳафтуми осмон дар фурудгоҳҳои Навоӣ ва Тирмиз дода мешаванд.

– Тартиботи «Фазои кушод» чист?

– Дар соҳаи авиатсияи шаҳрвандӣ, низоми «Фазои кушод» озодгардонии шароити истифодаи фурудгоҳҳои кишварро барои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ дар назар дорад. Озодгардонии парвозҳои ҳавоӣ маъноӣ тадриҷан васеъ кардани қоидаҳои идоракунии ҳаракати ҳавопаймоиро дорад, ки дар «Конвенсияи байналхалқӣ дар бораи авиатсияи шаҳрвандӣ» соли 1944 пешбинӣ шудааст ва ташаккули тартиби махсуси авиатсиониро бо номи «Фазои кушод» ифода мекунад. Ҳамагӣ 9 дараҷа мавҷуд буда, барои мо қулайтаринаш дараҷаи «озодии панҷуми ҳаво» мебошад.

Ворид шудани ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ба мамлакати мо ба иқтисодиёти мо бисёр фоида меорад. Масалан, самолёти ширкати ҳавопаймоии хориҷӣ, ки ба фурудгоҳи Самарқанд фуруд меояд, барои дар хатти парвоз қарор доштанаш, барои ҳар соате, ки дар фурудгоҳ истод, сӯзишворӣ гирифтан ва дигар хизматрасониҳо пардохт мекунад. Мусофирони ҳавопаймо инчунин аз терминали фурудгоҳ, нақлиёти автомобилӣ истифода бурда, дар меҳмонхона истиқомат мекунанд. Ҳамин тавр онҳо ҷараёни молиявиро зиёд мекунанд.

– Оё ин фаъолияти ширкати миллии авиатсионии моро маҳдуд намекунад?

– Дигар ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки аз тартиботи «Фазои кушод» истифода мебаранд, ба фаъолияти ширкати ҳавопаймоии миллии мо халал намерасонанд, балки кӯмак хоҳанд кард. Мо мушоҳида кардем, ки ширкатҳои ҳавопаймоии миллии кишварҳое, ки дар онҳо ин тартиб ҷорӣ шудааст, боз ҳам рушд карданд. Тартиботи «Фазои кушод» рақобатро афзоиш медиҳад ва ба рушди ширкати ҳавопаймоии мо такон мебахшад.

– Тартиботи «Фазои кушод» ба мусофирон чӣ гуна имкониятҳо медиҳад? Оё нарҳҳо коҳиш меёбанд?

(Давомаш дар саҳ.2).

Вакилони халқ — дар маҳалҳо

Гурӯҳи корӣ бо сардории ҷонишини раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, роҳбари фраксияи ӮзЛиДеП Аҳтам ҲАИТОВ ба вилояти Бухоро омада бо вазъи ичрои фармону қарорҳои сарвари давлат оид ба шуғли аҳолӣ , масъалаҳои ҷавонон, аз камбағалӣ бароварданӣ оилаҳои камдаромад, истифодабарии самаранок аз қитъаҳои наздиҳавлии аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят шинос шуд.

МУЛОҚОТ БО ҶОНИШИНИ РАИС

Аввалин вохӯрии онҳо дар шаҳр ва ноҳияи Когон ба амал омад. Мулоқотҳои эшон бо роҳбарон, намояндагони халқ, сарварони ташкилоту корхона ва маҳаллаҳои ноҳияи Шофиркон дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қайраҷоч сурат гирифт. А. Ҳаитов дар бораи вазъи мураккаби имрӯза вобаста ба пандемия, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, муҳим будани ичрои фармону қарорҳои Президент роҳу усулҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, истифодабарӣ аз имкониятҳо хусусан, бо мақсади кишти такрорӣ ба эҳтиёҷмандон тақсим карда додани майдонҳои аз ғалла холишудаи киштзорҳои хоҷагиҳои фермерӣ, дар ҳавлиҳо мувофиқи имконияташон ташкил кардани соҳаи мурғпарварӣ ва ғайра ҳарф зад. Маълум шуд, ки дар ноҳия 2630 нафар аҳолӣ камбағалона умр басар мебарад. Ҷонишини раис аз ҳокими ноҳия хоҳиш намуд, ки якҷоя бо депутатҳо, роҳбарон ва мутасаддиёни кор бобати ба дармондагон расондани кӯмак чораю тадбирҳои зарурӣ бинанд. Ҷонишини ҳокими вилоят, сардори садорати дастгирии оила ва маҳалла Йӯлдош Ҷумъаев низ дар ҷамъомад оиди ҳалли масъала изҳори ақида намуд. Ҳокими ноҳия Шукрулло Ҳакимов ташрифовардагонро бовар кунонд, ки бахри ислоҳсозии вазъият чораю тадбирҳо меандешад.

А. АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ЮНЕСКО БО ДАСТГИРИИ ИА ДАР ЎЗБЕКИСТОН ЛОИҲАИ НАВИ АРЗИШАШ 10 МИЛЛИОН ЕВРОРО БА КОР МЕДАРОРАД

Дар ин бора дар мусоҳиба ба АИ «Дунё» муовини директори генералии ЮНЕСКО оид ба масъалаҳои таълим Стефания Ҷаннини, ки ба саъю кӯшиши Ӯзбекистон оид ба таъмини таълими муттасил дар вазъияти пандемияи «COVID-19» баҳои баланд дод, изҳор кард.

— Ман хушҳолам, ки нуқтаи назари ЮНЕСКО-ро оид ба вазъияте, ки дар системаи таълими кишварҳои ҷаҳон дар пасманзари пандемияи «COVID-19» ба миён меоянд, инчунин чораҳои аз ҷониби Ӯзбекистон дар мубориза бар зидди бӯҳрон ва имкониятҳои аз он раҳонидан андешидашуда ба ҳам мебинам, — таъкид намуд Стефания Ҷаннини. — Дуюним моҳ пеш 1,57 миллиард донишҷӯ дар тамоми ҷаҳон ногаҳон ба мактаб рафтанро қатъ карданд, ки ҳукуматҳои онҳо дар доираи муборизаи зидди пандемия мактабҳоро бастанд. Ин қарори хеле нозук, вале зарурӣ буд. Дар чунин шароит, ба ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла Ӯзбекистон, лозим омад, ки мушкилоти марбут ба мавҷуд набудани имконоти таъмини иртибот, омода набудани омӯзгорон барои гузариш аз усулҳои анъанавӣ ба усулҳои фосилавии таълим ва барои падару модарон ва фарзандон ғайриодатӣ будани дар хона кор кардан ва таҳсил гирифтанро ҳал кунанд.

Аз аввал ЮНЕСКО ҷомеаи байналмилалиро барои таъмини таълими муттасил, дастгирии кишварҳо ва дарёфт намудани роҳҳои ҳаллу фасли бархам додани мушкилот сафарбар кард. Бо ин мақсад Коалитсияи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои таълим таъсис дода шуд.

Ӯзбекистон усули ҳамаҷонибаи рафъи бӯҳронро таҳия намуд, ки омӯзиши онлайниро бо чунин усулҳо ба монанди таълим тавассути каналҳои радио ва телевизион дар бар мегирад. Илова бар ин, ҳукумат омӯзгоронро, ки ин яке аз ҷузъҳои калидии раванд ба ҳисоб меравад, дастгирӣ намуд. Бо ифтихор гуфта метавонам, ки ЮНЕСКО сиёсати Ӯзбекистонро дастгирӣ мекунад ва дар равандҳои ба тарзи нав фаҳмидан ва дигаргуниҳое, ки дар кишвар дар шароити бӯҳрон ба амал меоянд, иштирок менамояд.

Дар ин ҷанба мехостам баъзе нуктаҳои муҳимро дар робита байни ЮНЕСКО ва Ӯзбекистон дар соҳаи таълим, инчунин кӯшиши мусоидат ба коре, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар ин самт ба амал бароварда мешавад, қайд намоям.

ЮНЕСКО оид ба баланд бардоштани саводнокӣ ва такмили малака дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) лоиҳа татбиқ мекунад, ки он дар муҳити ҳозира ва дар ояндаи наздик беш аз беш аҳамият пайдо мекунад. Лоиҳаи дувум ба омӯзгорон дахл дорад – мо тақрибан 600 омӯзгорро барои такмил додани муҷаҳҳазӣ ва омодагӣ ба вазъиятҳои бӯҳронӣ, мустаҳкам намудани мавқеи ин касби ифтихорӣ ва арзишманд дар худи асосӣ низоми таълим, инчунин афзун гардондани саҳми ин соҳа дар пешрафти кишвар меомӯзонем.

Ҳамчун нуқтаи савум имрӯз мехоҳам як ташаббуси хеле бузург – лоиҳаи муштараки аз рӯйи миқёс дар минтақа бузургтарини ЮНЕСКО – Иттиҳоди Аврупо «Рушди малакаҳои шуғл дар минтақаҳои деҳоти Ӯзбекистон» эълон кунам.

Ин лоиҳаи ЮНЕСКО, ки барои он Комиссияи Аврупо тақрибан 10 миллион евро ҷудо мекунад, барои такмил додани таълими техникӣ ва касбӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва обёрӣ, инчунин рушди малакаҳои шуғл дар деҳоти Ӯзбекистон пешбинӣ шудааст. Ин ҷо сухан дар бораи муттаҳид гардондани донишҷои гуногуни коршиносӣ дар сатҳи миллӣ, таҷрибаи ЮНЕСКО дар соҳаи рушди зарфият ва ҳамкориҳои зич аз Вазорати маориф сар карда, то вазоратҳои кишоварзӣ ва захираҳои об меравад.

Ба фикрам, ин ташаббуси умедбахш ва муҳим аст, зеро он ба ҷавонон, шуғл, омода кардани насли ҷавон барои зиндагии оянда, ки дар шароити кунунӣ муҳим аст, дахл дорад.

Аминам, ки давраи пас аз бӯҳрон давраи тағйироти бузург хоҳад буд. Аз ин рӯ, ЮНЕСКО ислоҳоти васеъмиқёси соҳаи маорифро дар Ӯзбекистон дастгирӣ менамояд ва пеш мебарад. Созмон на танҳо дар доираи ташаббусҳои глобалӣ, балки дар сатҳи кишвар низ шарики асосии ҷумҳурӣ боқӣ хоҳад монд. Ин имрӯз аҳамияти хос дорад.

АИ «Дунё»,

ПАРИЖ.

Роҳбари давлати мо қайд кард, ки ба роҳ мондани назорати самарабахши парлумон ва шӯроҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳад.
Дар ҳақиқат, нақши шӯроҳои маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти дар маҳалҳо ҷойдошта бузург аст. Аз ин хотир, Сенати Олий Маҷлис дар фаъолияти худ ба бевосита кор кардан бо депутатҳои ин соҳа аҳамияти махсус медиҳад. Ҳамзамон, сенаторҳо ба ҳар як ҳудуд вобаста карда шуда, онҳо бевосита ба маҳалҳо баромада, бо вакилони шӯроҳои маҳаллӣ кор мекунанд.

НАҚШИ ШӮРОҲОИ МАҲАЛЛӢ ДАР РУШДИ ҲУДУДҲО ЧӢ ГУНА АСТ?

Гурӯҳи кории Комиссияи Сенати Олий Маҷлис оид ба кӯмак расондан ба пурзӯр кардани фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллӣ ба Қашқадарё ташриф овард. Дар вилояте, ки оид ба расонда додани ғалла ва пахта ҳудуди калонтарин ба ҳисоб меравад, чорводорӣ низ хуб рушд ёфтааст. Аз ҷумла, масоҳати умумии замини ҳудуд 2,8 ҳазор гектар бошад, аз он 1,3 ҳазор гектарашро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд.

Албатта, мутобиқи шароити иқлим ва ҷуғрофияи вилоят хуб ривоҷ ёфтани соҳаи кишоварзӣ барои ҳудуд афзалияти назаррас медиҳад. Аммо, имрӯз, замон дар ноил гардидан ба рушди иқтисодӣ талаботи дигар меҷӯзорад. Аз ҷумла, ҳатто дар минтақаҳое, ки комилан ба соҳаи кишоварзӣ асос меёбанд, бидуни рушди саноат, бахусус агросаноат, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст намеоянд. Ба ин маъно, ин масъала ҳангоми сафари кории гурӯҳи мо дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дошт. Ҳамзамон, мушкилоти мухталифе, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои минтақа, алалхусус ноҳияҳои дурдаст халал мерасонанд, ба таври муфассал омӯхта шуданд.

Аз ҷумла, ноҳияи Касбӣ аз маркази вилоят дар масофаи 40 километр ҷойгир шудааст. Иқлими ноҳия ниҳоят хушк буда, дар 44 ҳазору 500 гектар замини ҳосилхези обёришаванда асосан пахта ва ғалладона парвариш карда мешавад. Мушкили асосие, ки ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ монеъ мегардад, ин нарасидани об мебошад.

Инчунин, дар ҳолати ғайриқаноатбахш будани роҳҳои дохилӣ, доимӣ қатъ ёфтани таъминоти барқ вазифаи аз нав барқароркунии инфрасохторро ба ҷойи аввал мегузорад. Ғайр аз он, барои ба рушди саноат ба ноҳия ҷалб намудани сармоягузорони бузург низ инфрасохтор нақши муҳим дорад. Аз сабаби ниҳоят паст будани сатҳи саноатикунонӣ, ноҳияи Касбӣ ҳудуди дорои иқтидораш каслон ва ба соҳаи кишоварзӣ ихтисосонида бошад ҳам, дар рӯйхати ноҳияҳои тоифаи дувум қарор дорад.

Бо назардошти имкониятҳои минтақа, дастовардҳояш дар соҳаи кишоварзӣ онро ба рӯйхати ноҳияҳои тоифаи аввал дохил кардан зарур аст. Дар натиҷа, барои идоракунии минтақа ва рушди тамоми соҳа имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуда, идоракунии муназзам такмил ҳоҳад ёфт. Дар ин бобат аз ҷониби Гурӯҳи корӣ низ пешниҳодҳои дахлдор омода карда шуданд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гурӯҳи корӣ боз як мушкилии дигари муҳим — нарасидани кадрҳо ба қайд гирифта шуд. Дар натиҷа, дар таъмини саривақтӣ ва босифати иҷрои вазифа ва масъулиятҳо, ки ба доираи ваколати ҳокимияти ноҳия мансубанд, мушкилот ба миён меоянд.

Вобаста ба ин, депутатҳои шӯроҳои маҳаллӣ бояд ба ташкилотҳои болоӣ, аз ҷумла ҳокимияти вилоят, муассисаҳои таҳсилоти олӣ мурочиат карда, дар ҳалли мушкилот саҳмгузор бошанд. Ҳамзамон, барои шароит фароҳам овардан ба ҷалби кадрҳои ҷавону боистеъдод ба ноҳия, дар заминаи имкониятҳои ноҳия имтиёзҳои иловагӣ пешниҳод намудан лозим аст. Дар ҳолати зарурӣ, инчунин метавон масъалаи таълими мақсадноқ, яъне таълими ҷавонони маҳаллӣ дар мактабҳои олӣ дар асоси квотаҳои махсус бардошт. Вобаста ба ин, гурӯҳи кории мо барои ҳалли ин масъала бо вакилони шӯроҳои маҳаллӣ алоҳида кор пеш бурд.

Гурӯҳи кории мо, ки ба тамоми ноҳияҳои минтақа ташриф овард, ба ҳаллу фасли мурочиатҳои шаҳрвандон, бахусус истеҳсолкунандагон, татбиқи корҳо бобати рушди соҳаи саноат эътибори махсус дод.

Аз ҷумла, имрӯз дар ноҳияи Миришкор 88 корхонаи саноатӣ мавҷуд буда, онҳо дар соли 2019 281,6 миллиард сӯмина ва дар семоҳаи якуми соли 2020 94,7 миллиард сӯмина маҳсулот истеҳсол кардаанд. Дар натиҷа, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 83,7 фоизро ташкил дод.

Айни замон, бо ташкилотҳои дахлдор ва Шӯрои вакилони халқи ноҳия чиҳати ҳалли мушкилоти корхонаҳое, ки бо иқтидори кам фаъолият нишон медиҳанд, ва таъмини фаъолияти пурраи онҳо корҳо идома доранд. Барои рушди фаъолияти 20 корхона ва таъминоти онҳо бо ашёи хом тадбирҳо андешида мешаванд.

Дар семоҳаи якуми соли 2020-ум 13 лоиҳаи арзиши лоиҳавиаш 424,1 миллиард сӯм, аз он дар саноати хӯрокворӣ 1, дар саноати масолеҳи сохтмон 5, дар саноати чарм ва пойафзол 1, дар саноати кимиё 3 ва намуди дигар 3 лоиҳа татбиқ шуда, ба маблағи 16 миллиард сӯм иқтидорҳои нав ба истифода дода шуданд.

Дар ҳудуди ноҳия 37 конҳои фоиданок мавҷуданд. Дар натиҷаи азхудкунии конҳо дар саноат дар соли 2020 корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба кор дароварда шуда, барои оғоз намудани як қатор иншооти иловагӣ чораҳо андешида мешаванд. Дар натиҷа, дар вилоят ба роҳ мондани истеҳсоли семент, оҳак, гипс, хиштҳои пухта, қум, қуммашғал, ашёи хоми базалт, сангҳои фарши табиӣ, бетонҳои оҳанӣ ва оҳану бетонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ин ба пайдоиши тиҷорати нави хурд ва миёна дар соҳаи масолеҳи сохтмон мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ, сенаторон дар ҳамкорӣ бо Шӯрои вакилони халқи ноҳияи Миришкор ба ҳалли мушкилоте, ки ба зудтар ба роҳ мондани иқтидорҳои нав монеъ мегарданд, диққати махсус медиҳанд.

Хусусан, ба пурзӯр гардондани пурсишҳои депутатӣ оид ба оворагариҳои зиёдатӣ дар истифода бурдан аз хизматрасониҳои бонкӣ, ҷудо кардани қитъаҳои замин ва бино ба субъектҳои соҳибкории ба саноат ихтисосонидашуда, мусоидат дар азнавҷиҳозонии онҳо, ба роҳ мондани муносибатҳои кооперативӣ аҳамият дода мешавад.

Дар натиҷа, некӯаҳволии аҳолии ноҳия баланд шуда, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба сатҳи сифатан нав мебарояд.

Толибҷон МАДУМАРОВ,
раиси Комиссияи кӯмак оид ба пурзӯр кардани фаъолияти мақомоти намояндагии ҳокимияти маҳаллии Сенат.
(ЎзА).

ТАРТИБОТИ «ФАЗОИ КУШОД» РАҚОБАТРО ПУРЗӮР МЕГАРДОНАД, НАРХҲОРО КОҲИШ, МИҚДОРИ САЙЁҲОНРО АФЗОИШ МЕДИҲАД

(Аввалаш дар сах.1).

– Ӯзбекистон бозори нави ширкатҳои ҳавопаймоии хоричиро боз мекунад. Ин ба мусофирони мо имкон медиҳад, ки тавассути ҳавопаймоҳои дигар ба самтҳои нав сафар кунанд. Ба сайёҳоне, ки ба мамлакати мо меоянд, барои сармоягузорон қулайӣ фароҳам меорад. Шаҳрвандони мо метавонанд мустақиман ба кишварҳои дурдасте раванд, ки ба он ҷо ҳавопаймоҳои ширкати мо парвоз намекунанд.

Масалан, мусофир аз Бухоро то ки ба Истанбул парвоз кунад, бояд ба Тошканд равад. Пас аз ба кор андохтани тартиботи «Фазои кушод» мусофирон аз хидматҳои ширкатҳои ҳавопаймое, ки бевосита ба Истанбул парвоз мекунанд, истифода мебаранд. Агар дар як самт хидматҳои якчанд ширкатҳои ҳавопаймоӣ расонда шавад, пас рақобат ба вучуд меояд. Пас, дар мусофир имкони интихоб намудан пайдо мешавад. Бо васеъ шудани хидматҳо, эҳтимол аст, ки нархҳо коҳиш ёбанд. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ метавонанд бо пешниҳоди нархҳои арзон хидматҳои иловагӣ нишон диҳанд.

– Чаро тартиботи «Фазои кушод» маҳз аз 1 августи соли 2020 ҷорӣ карда мешавад?

– Парвозҳои мунтазам аз ду фасл – зимистон ва тобистон амалӣ гардонда мешаванд. Ширкатҳои ҳавопаймоии хоричӣ, ки аз ташкил ва истифодаи парвозҳо дар хатсайрҳои нав манфиатдоранд ва ё мехоҳанд шумораи парвозҳои мавҷудбударо зиёд гардонанд, бо назардошти ин фаслҳо омодагӣ мегиранд. Табиист, ки ҷараёни омодагӣ низ вақти муайянро мегирад. Ширкатҳои ҳавопаймоии хоричӣ, ки хоҳиши дар қаламрави Ӯзбекистон фаъолият карданро доранд, ба Агентии «Ӯзавиатсия»-и назди Вазорати нақлиёт ё ки департаменти рушди нақлиёти ҳавоии он бояд ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод кунанд. Мехостам махсус қайд намоям, ки ҳамаи парвозҳо тибқи қоидаҳои карантинӣ анҷом дода мешаванд.

– Ҳамин тавр, тартиби мазкур ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

– Ҳадафи ҷорӣ намудани ин низом — зиёд гардондани миқдори сайёҳон ба ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани иқтидори он ҳамчун маркази минтақавии авиатсионӣ мебошад. Агар ҳар як сайёҳе, ки ба мамлакати мо меояд, таассуроти хуб пайдо кунад, вай албатта боз ба Ӯзбекистон меояд. Ӯ дигаронро низ ба ин даъват менамояд. Барои ин инфрасохтори фурудгоҳҳои ҳар як минтақа такмил хоҳад ёфт. Дар фурудгоҳҳо барои ҳама шароити мусоид фароҳам оварда мешаванд.

Тартиботи «Фазои кушод» нерӯи иловагии корӣ ва хидматҳоро тақозо мекунад. Роҳбарон дар маҳалҳо барои афзун намудани миқдори сайёҳон агентиҳои сайёҳиро ҷалб намуда, намудҳои нави хидматрасониро ҷорӣ мекунанд. Фурудгоҳҳои минтақавӣ мустақилона фаъолият нишон дода, бо назардошти имкониятҳояшон барои ҷалб намудани шумораи бештари мусофирон кӯшиш мекунанд. Ҳар як фурудгоҳ аз ҷорӣ намудани намудҳои нави хидмат барои ҷалби сайёҳон манфиатдор мебошад.

Суҳбатнигор **Х. ҚОДИРОВ,**
мухбири ЎзА.

Дар ҷамъияти саҳҳомии «Farg`onaazot», ки дар саноати кимёи мамлакатамон салоҳияти калонро молик аст, як қатор ғояҳои инноватсионӣ ва комёбиҳои илму фан ба амалиёт ҷорӣ карда мешаванд. Сехи ҳавочудокунанда самараи ҳамин гуна саъйҳо буда, он имконият фароҳам меорад сехҳои асосӣ ва ёридиҳанда дар як маром кор кунанд.

Дар тӯли солҳои охир баъди коркарди тамоми ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба модернизатсияи фаъолияти сех, ба ҳаёт татбиқ намудани таҷҳизоти замонавии энергиясарфакунанда бо сарпудратчӣ ширкати «Energy Power Solution LTD» шартномаҳо ба имзо расонда шуданд.

Дар сурат: *дар сехи ҳавочудокунандаи ҶС «Farg`onaazot».*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

ХАБАРҲО

Хирмани баланди деҳқонони Хоразм

Деҳқон ва фермерони вилояти Хоразм ҳосили зиёди ғалладона ҷамъоварӣ намуданд. Бинобар хабари хидмати матбуоти Вазорати хоҷагии қишлоқ, деҳқонони вилоят барои эҳтиёҷоти давлат 84,4 ҳазор тонна ғалла фурӯхтанд.

Хусусан деҳқонони ноҳияҳои Урганч ва Ҳазорасп 108-109 фоиз, Хонқа, Гурлан, Қӯшкӯпир, Хева, Боғот 103-106 фоиз, Янгибозор, Шовот, Тупроққалъа аз нақшаҳои пешбинии ҳуд 100-102 фоиз зиёд ҳосил ҷамъоварӣ намуданд.

– Дар шароити пандемия сарфи назар аз мушкилиҳо деҳқонон ва фермерони чашмикордони вилоят ҷонбозӣ зоҳир намуданд, – гуфт муовини аввали вазири хоҷагии қишлоқ Шуҳрат Тешаев. – Бешубҳа, ин хабари хуш ба тамоми ғаллакорони вилоятҳои дигар рӯҳ мебахшад. Рушди соҳа ба бисёр соҳаҳои чорводорӣ ва паррандапарварӣ низ таъсири мусбӣ расонда, барои афзоиши маҳсулоти гӯшт, шир, тухм ва озуқаворӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар майдонҳои ғаллаи вилоят ҳанӯз ҳосил зиёд аст. Ғуноварии он бо шиддат идома дорад.

ЎзА.

Бинои нави маркази хидмати давлатӣ дар Зомин

То ин вақт дар маркази ноҳияҳои Мирзочӯл, Дӯстлик, Зарбдор, Фориш, Янгиобод биноҳои нави марказҳои хидматҳои давлатӣ соҳта ба истифода супорида шуда буданд.

Инак, дар шаҳри Зомин низ бинои замонавии маркази хидматҳои давлатӣ бунёд ёфта, мавриди истифода қарор гирифт.

Ин марказ дорои як қатор қулайҳо мебошад. Аз китобхонаи хурд мизоҷон дар вақти навбатгоҳ метавонанд истифода намоянд. Майдончаи бозӣ барои бачаҳо пешбинӣ гардидааст. Дар монитори маркази нави инноватсионӣ навъҳои хидматҳои давлатӣ, ки беш аз 130-тост, намоён мегардад. Марказ дар як рӯз ба 300 нафар шаҳрвандон хидмат мерасонад. Мавриди ба истифода супоридани бинои нави маркази хизматҳои давлатӣ рӯҳияти идона касб кард. Таъкид гардид, ки агар рӯҳои аввали ташкил ёфтани агентӣ дар тасарруфи Вазорати адлия ҳамагӣ 33 навъи хидмат маълум бошад, ҳоло он ба 140-то расидааст. Ин кор мушкили одамонро осон мегардонад, зеро 70 фоизи хидматҳо ба аҳолӣ ройгон расонида мешаванд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Зафари ғаллакорони Вобканд

Ғаллакорони ноҳияи Вобканд ўҳдадор шуда буданд, ки имсол ба давлат 16728 тонна гандум супоранд. Бо вуҷуди номусоидиҳои иқлим, офатҳои табиӣ деҳқонон бахри ҳосили фаровон суботкорона меҳнат карданд.

Дар натиҷа ҳосили дилхоҳ фароҳам омад. Дар ноҳия мавсими гандумдаравӣ зиёда аз ду ҳафта давом кард. Кори 24-то комбайн, қариб 100-то мошинҳои боркашон имконият дод, ки ба пунктҳои қабул рӯзе то 1,2 ҳазор тонна ҳосил ворид шавад.- Ҳамин тариқ дар давоми ду даҳрӯзаи аввали моҳи июн нисбат ба нақша бештар ғалла ҷамъ омад. Ҳосилнокии гандум дар хоҷагиҳои фермерии «Начим Тошобод», «Заҳро юлдузи», «Янгикент олтин замини», «Шерзод Соҳиб», «Муҳсин Шаҳноза Шаҳобҷон», «Аҳад Бахшулло Неъмат ўғли» ва ғайра ба 60-70 сентнерӣ расид. Кирмакпарварони ноҳия ба ҷои 208 тонна 210 тонна пилла супурда комёб гардида буданд. Ин анъанаро ғаллакорон давом медиҳанд. Акнун навбат ба иҷрои нақшаи 2 ҳазор тонна тухмии хушсифат. Гандуми ба ихтиёри хоҷагиҳои фермерӣ гузошташуда низ деҳқононро шод мегардонад. Дар айни замон киштзорҳои аз коҳ ҳолигашта шудгор карда шуда, дар онҳо кишти такрорӣ ба амал меояд.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Рекламаи иҷтимоӣ

Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

таҳти шиори «Аз эҳёи миллӣ — ба пешрафти миллӣ» барои ҷудо кардани грантҳои давлатӣ дар мавзӯи «Тарбияи ҷавонон дар рӯҳи садоқат ба ватани ҳуд, ташаккули ташаббус, фидокорӣ, сифатҳои ахлоқӣ» озмуни сеюмро эълон менамояд

Ба озмун лоиҳаҳои аз чиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ ва институтҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул карда мешаванд, ки вазифаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Дастгирии фаъолияти CFF ва институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи маънавиву маърифатии ҷавонон нигаронида шудаанд.
2. Мусоидат ба ҷавонон дар гирифтани донишҳои муосир, ташаккули фарҳанги баланд ва маърифати воқеии он.
3. Таъмини шуғли ҷавонони дорои маълулият, зиёд кардани манбаи даромади онҳо, фаъолнокии CFF дар рушди васеи корхонаҳои иҷтимоӣ, соҳибкории оилавӣ ва хонаводаҳо.
4. Тарбияи ҷавонони дорои дониши амиқ, маънавият ва фарҳанги баланд, мутобиқ кардани малакаҳои онҳо ба талаботи бозори байналмилалии меҳнат.
5. Тарбияи шахсияти аз чиҳати маънавӣ баркамол, баланд бардоштани нерӯи зеҳнии насли наврас, мусоидат ба ташаккули маданияти мутолиа дар байни ҷавонон.
6. То ба шуури ҷавонон расондани мероси маънавӣ ва маърифатии гузаштагони бузурги мо дар соҳаи ватандӯстӣ, ғояи миллӣ ва пешрафт тавассути мавзӯи «Мутафаккироне, бар зидди ҷаҳолат бо маърифат мубориза бурдаанд».
7. Рушд ва дастгирии мутолиа дар минтақаҳои биёбон, кӯҳҳо ва марзӣ.
8. Дар маҳаллаҳо ба роҳ мондани фаъолияти марказҳои фарҳангӣ ва боғҳои истироҳатӣ, эҷодиёти даҳонакии халқ, гурӯҳҳои фолклорӣ, ҷалби ҷавонон ба онҳо.
9. Дар қалби шаҳрвандон амиқ реша давондани шиори: «Фарзанди ҳуд, хонаи ҳуд, ватани ҳудро ҳамчун гавҳари чашм муҳофизат кунед!».
10. Васеъ паҳн намудани тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, инкишофи оммавии варзиш.
11. Дар маҳалҳо ривоҷ додани намудҳои оммавӣ ва миллии варзиш ва бозиҳои варзишӣ, бо ҷалби ҷавонон ба онҳо, ки малакаҳои ҳосилкардааншонро аз насл ба насл мегузоранд.
12. Дар байни аҳолӣ, хусусан ҷавонон васеъ таблиғ намудани ислоҳоти мавҷуда ва корҳои бузурги созандагӣ дар кишвар.
13. Васеъ тарғиб намудани асосҳои соҳибкории иҷтимоӣ дар байни ҷавонон, баланд бардоштани савияи саводнокии молиявии онҳо, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ҷавон, ки аз хизматрасониҳои молиявӣ истифода мебаранд.
14. Тарбияи модарони солим, маълумотнок ва маънавиёташон баланд; баланд бардоштани нуфузи оила, намояндагони насли калонсол, занони фаъол, омӯзгорон ва мураббиён дар ба ҳаёти мустақил тайёр кардани онҳо.
15. Пешгирии барвақти ҷиноятҳорӣ дар байни ҷавонон, ғанӣ гардондани тафаккур ва қалби онҳо бо мероси бойи гузаштагони бузурги мо ва арзишҳои умумиинсонӣ.

Барои гирифтани гранти давлатӣ бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Мактуби ҳамроҳ фиристодашаванда бо имзои роҳбар ва мӯҳри ташкилот.
2. Дархости лоиҳавӣ барои гирифтани грант дар шакле, ки дар веб-сайти www.fundngo.uz. ҷойгир карда шудааст.
3. Нусхаи Оинномаи (Низом) CFF ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз қайди давлатӣ гузаштаанд, бо тағйироту иловаҳои охирин.
4. Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилот.
5. Агар татбиқи лоиҳа фаъолияти иҷозатномавиро талаб кунад, нусхаи иҷозатнома бояд пешниҳод карда шавад.
6. Тавсиянома, шафоатномаҳои ташкилотҳои манфиатдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ қобили қабуланд.

Маблағи барои як лоиҳа ҷудошаванда — то 40 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

Ҳуҷҷатҳо **аз 22 июн то 25 июли соли 2020** қабул карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳо дар лифофаҳои мӯҳрдор, ки тавассути ҶС «Ӯзбекистон почтаси» (формати А4) ба суроғаи **Фонди ҷамъиятии дастгирии CFF ва институтҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон:** 100035, ш. Тошканд, кӯчаи Бунёдкор, 1 фиристода шудаанд, қабул карда мешаванд.

Бо шартҳои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва намунаҳои онҳо метавонед дар веб-сайти расмии Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлис: www.fundngo.uz. шинос шавед.
Телефонҳо барои маълумот: (0-371) 239-26-76, 239-26-86.

Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон

дар мавзӯи «Манфиатҳои инсон — аз ҳама волост» барои ҷудо кардани грантҳои давлатӣ оид ба дастгирии фаъолияти ниҳодҳои демократӣ дар таъмини волоияти Қонун ва назорати ҷамъиятӣ озмуни чаҳорумро эълон менамояд

Ба озмун лоиҳаҳои аз чиҳати иҷтимоӣ аҳамиятноки созмонҳои ғайридавлатию -ғайритиҷоратӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ ва институтҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул карда мешаванд, ки вазифаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти вазъи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ба роҳ мондани шарикии иҷтимоӣ бо мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон.
2. Таъмини волоияти Конститутсия ва қонун: амиқ ва ҳамаҷониба донистани онҳо, ташкили дурусти татбиқи онҳо ва мусоидат ба иҷрои бечунучаро аз ҷониби аъзои ҷомеа.
3. Минбаъд баланд бардоштани нуфузи байналмилалии кишвари мо аз ҳисоби мусоидат дар татбиқи тамоюли "Адолат — дар волоияти қонун" дар ҷомеа, ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа.
4. Ҷорӣ намудани механизм ва усулҳои самарабахши ташкили мулоқоти кушод бо аҳолӣ, муборизаи бо оқибатҳои манфии қонунвайронкунӣ, ташаккули назорати пурқуввати ҷамъиятӣ дар таъмини волоияти қонун.
5. Тағйир додани симои шаҳру деҳоти мо, дар сатҳи маҳал баррасӣ намудани қарорҳои марбут ба сохтмон ва ободонӣ, гузарондани экспертизаи ҷамъиятӣ.
6. Пурзӯр гардондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назораткунанда, шӯроҳои ҷамъиятӣ дар бахши молия, кори бонк, таълим, тандурустӣ, хоҷагии коммуналӣ, энергетика ва нақлиёт.
7. Пурзӯр гардондани тамоюлҳои рушдӣ ва ошкорбаёнӣ, иҷрои пурраи меъёрҳои конститутсионӣ оид ба озодии суҳан, гирифтан ва паҳн кардани иттилоот.
8. Баланд бардоштани таъсири ҷомеа ба маърифати ҳуқуқӣ, шуур ва фарҳанг, саводнокии ҳуқуқӣ, масъулият ва ўҳдадории шаҳрвандони мо дар ҷомеа дар асоси андешаи «Шуури ҳуқуқӣ ҳисси масъулиятро инкишоф медиҳад».
9. Мустаҳкам намудани шарикии иҷтимоӣ дар ташаккули маданияти эҳтиромӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа.
10. Мусоидат ба саривақт барҳам додани сабабҳои содиркунии қонунвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон.
11. Ба роҳ мондани ҳамкории зичи иҷтимоии мақомоти давлатӣ бо воситаҳои ахбори оммавӣ, блогерҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ.
12. Дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ташкил намудани намоишҳои ҷолиб, сериалҳо, филмҳои бадеӣ, намоишҳои театрӣ дар бораи тантанаи адолат, барқароркунии ҳуқуқҳои қонунӣ.
13. Дар воситаҳои ахбори оммавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ офаридани образҳои қаҳрамонони замони мо, ки риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, эҳтиром ба шаъну эътибори ҳар як намояндаи ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин мекунад.

Барои гирифтани гранти давлатӣ бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Мактуби ҳамроҳ фиристодашаванда бо имзои роҳбар ва мӯҳри ташкилот.
2. Дархости лоиҳавӣ барои гирифтани грант дар шакле, ки дар веб-сайти www.fundngo.uz. ҷойгир карда шудааст.
3. Нусхаи Оинномаи (Низом) CFF ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз қайди давлатӣ гузаштаанд, бо тағйироту иловаҳои охирин.
4. Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилот.
5. Агар татбиқи лоиҳа фаъолияти иҷозатномавиро талаб кунад, нусхаи иҷозатнома бояд пешниҳод карда шавад.
6. Тавсиянома, шафоатномаҳои ташкилотҳои манфиатдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ қобили қабуланд.

Маблағи барои як лоиҳа ҷудошаванда — то 40 миллион сӯмро ташкил медиҳад.

Ҳуҷҷатҳо **аз 22 июн то 25 июли соли 2020** қабул карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳо дар лифофаҳои мӯҳрдор, ки тавассути ҶС «Ӯзбекистон почтаси» (формати А4) ба суроғаи **Фонди ҷамъиятии дастгирии CFF ва институтҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон:** 100035, ш. Тошканд, кӯчаи Бунёдкор, 1 фиристода шудаанд, қабул карда мешаванд.

Бо шартҳои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва намунаҳои онҳо метавонед дар веб-сайти расмии Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлис: www.fundngo.uz. шинос шавед.
Телефонҳо барои маълумот: (0-371) 239-26-76, 239-26-86.

Сайёҳӣ

ДАСТГИРИИ САЙЁҲӢ — САМТИ СТРАТЕГИИ РУШДИ КИШВАР

Мувофиқи Фармони Президент аз 2 декабри соли 2016 «Дар бораи чораҳои таъмини рушди суръатноки соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сайёҳӣ яке аз самтҳои устувор ва стратегии тараққиёти иқтисодӣ дар мамлакат муайян гардид.

Тартиби то як моҳ бе виза дар ҷумҳуриамон шудан ба шаҳрвандони як қатор мамлакатҳо ҷорӣ гардид, қоидаҳои визадиҳӣ то андозае содда гашт.

Чораҳое, ки андешида шуданд, ба таваччӯҳи калони хориҷиён ба мамлакати офтобии мо, ки аз гӯшаҳои ҷолиб ва дидании олам аст, боис гардид. Агар тӯли соли 2017 ҳамагӣ 2 миллиону 700 ҳазор нафар сайёҳон аз Ӯзбекистон дидан карда бошанд, дар ҷамъбасти соли 2019 микдори онҳо то 6,7 миллион нафар афзуд. Бештар аз 10 нашри бонуфузи хориҷӣ, ки масъалаҳои марбут ба сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, Ӯзбекистонро ба сифати «Маскани бонуфузи аз ҳама ҷозибанок» эътироф намуданд.

Ногувории, ки пандемияи коронавирус дар саросари олам тавлид сохт ва он дар қатори бисёр соҳаҳо ба сайёҳӣ чӣ тавр таъсири манфӣ расонд, ба ҳамаамон маълум. Мувофиқи тахминҳое, ки Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ арза медорад, бинобар ихтисор ёфтани штатҳои кории соҳа 74 миллион нафар то охири соли равон тарки вазифа хоҳанд кард, соҳаи сайёҳӣ такрибан 800 миллиард доллар зарар хоҳад дид.

Балои коронавирус дар кишвари мо низ ҳис гашт, бо мақсади таъмини солимӣ аз 16 марти соли равон сайёҳии дохилию хориҷӣ дар мамлакатамон муваккатан қатъ гардид. Зиёда аз 1,5 ҳазор туроператорҳо ва такрибан 1,2 ҳазор меҳмонхонаҳои хурду калон дар дохили диёр фаъолият боздоштанд.

Вале ин маъное надошт сайёҳӣ ва онҳое, ки ба соҳа сарукор доранд, аз эътибори давлат дур монда бошад. Чораҳои таъхирнопазире, ки бо мақсади нармсозии таъсири оқибатҳои пандемия андешида шуданд, ба дастгирии иқтисодии соҳаи сайёҳӣ низ нигаронида шуда, дар асоси ҳуҷҷатҳои давлатие, ки бо имзои Президент эътибор пайдо карданд, алоқамандони соҳа дар пардохт ва ҳисобу китоби молиявӣ аз имтиёзоте, ки давлат барояшон тӯли моҳҳои апрел-декабри соли равон муайян намуд, истифода бурда метавонанд (қарздорӣ то 1 апрели соли 2020 ба ин татбиқ намешавад). Дар баробари мулкдорони соҳаи сайёҳӣ хидматчиёни фароғатгоҳ ва зиёратгоҳҳо, ҳунармандон, ки аз сайёҳӣ даромад меёбанд, кормандони соҳаи нақлиёт ва нуқтаҳои хӯроки умумӣ, ки ба сайёҳон хидмат менамоянд, ҷамъ 250 ҳазор нафар аҳолӣ, ба дастгирии давлатӣ фаро гирифта шуданд.

Чанде пеш таҳти роҳбарии Президент ҷамъомади видеоселекторӣ доир ва речаҳо оиди барқарорсозӣ ва рушди сайёҳии дохилӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Таъкид гашт барои кор карда баровардани сохтори амнияти сайёҳонро кафолатдиҳанда омӯхтани таҷрибаи кишварҳои рушдёфтаи хорич аз аҳамият холӣ нест. Вақти он фаро расида, ки дар байни ҳудудҳои «сабз» сайёҳии дохилӣ барқарор ва барои ин амнияти санитарӣ, эпидемиологии сайёҳон таъмин, гӯшаҳои таъриҳӣ, масканҳои табобатию шифоӣ, қадамҷову фароғатгоҳҳо ба қабули сайёҳону саёҳатгарон ҳарчиҳата омода бошанд, гуфт роҳбари давлат.

Пандемия ҳанӯз давом дорад, рух назадани сирояти коронавирусро касе кафолат дода наметавонад. Талаботи карантин дар нуқтаҳои сайёҳӣ қатъиян риоя карда мешаванд.

Маълум, ки баробари Самарқанду Бухоро, Қӯқанду Хева, Тирмизу Шаҳрисабз барин шаҳрҳои қадимиамон, ки бо ёдгориҳои таъриҳии ҳуд осорҳонаи зинда таҳи осмон кушоданд, баробари оромгоҳ ва қадамҷойҳои бузургмардони олами ирфон ва дини мубини мо, ки эътибори зиёратгарони дохилию хориҷиро ба ҳуд мекашанд, кӯл, чашма ва кӯҳсори хушманзари диёри мо низ сайёҳони дуру наздикро ба ҳуд ҷалб менамоянд. Хусусан, қадами хориҷиён аз кӯҳпояҳои воқеъ дар вилоятҳои Навоӣ, Наманган, Фарғона ва Тошканд солҳои дароз аст канда намешавад. Хориҷиён нафақат дар меҳмонхонаҳои маҳаллӣ, балки дар хонаҳои шахсӣ, чорбоғҳои барҳаво, ки ба иҷора дода мешаванд, муваккатан зиндагӣ мекунанд. Кӯҳистониёни мо бо хориҷиён чӣ тавр муносибат ва муомила карданро хуб омӯхтаанд. Ҳаракат мекунанд баробари офаридани шароити кулаи маишӣ барояшон таомҳои миллӣ пазанд, урфу одат, таомулҳои ибратбахши бобоиро ба меҳмонон намоиш диҳанд. Баъди ба кишвари ҳуд баргаштан низ гурӯҳи ҷудогонаи сайёҳон бо кӯҳистониёни меҳмондӯсти мо муносибатро давом медиҳанд. Бад-ин маънӣ, сайёҳӣ нафақат ба соҳибкорони маҳаллӣ, ки хориҷиёнро қабул мекунанд, манбаи даромад, балки барои мустаҳкамшавии ришталои муносибат байни мамлакатҳо чун восита хидмат менамоянд. Бо зиёд шуда истодани миқдори субъектҳои сайёҳӣ, аз ҷумла, меҳмонхонаҳои оилавӣ иқтисодиёти мамлакати мо рӯ ба ривоҷ мениҳад.

Чанд сол қабл дар кӯҳистони Чодаки вилояти Наманган ободгариҳо диққати касеро ба ҳуд намекашид. Ба туфайли эътибори ҷудогона ба рушди сайёҳии дохилӣ дар ин ҷо манзараи куллан дигареро мушоҳида кардан мумкин. Хиёбонҳо, кӯчабоғу гулгаштҳо, шаршараҳои сунӣ, шипангҳои хушсохту барҳаво, кӯл ва ҳавзҳо, ки соҳилҳои шодоб доранд, дар ҳар қадами деҳаи Чодак дучор шуда, ба истироҳаткунандагон таъсири хуб мегузоранд.

Чаҳ-чаҳи булбулон бо суруди кӯҳсору чашмасорҳо ҳамоҳанг. Мағз тоза ва дил кушода мешавад дар Чодак. Бошандагони деҳ ба таври оилавӣ ба фароғаткунандагон хидмати маданӣ расонда ва аз меҳмонхонаҳои хонаводагӣ даромади хуб мегираанд. Танҳо тӯли мавсими сайёҳӣ ба миқдори 50 ҳазор сӯм дар як моҳ ба давлат андоз супорида мешаваду халос. Ходимони Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ ва раёсатҳои ҳудудии он дар ҷойҳо баробари таблиғи сайёҳии дохилӣ ба алоқамандон ва таваччӯҳгарони соҳа дар маҳалҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва маслиҳатҳои касбию ҳуқуқиро ҷонок сохтаанд. Аз ҷумла, дар деҳаҳои Чодаки ноҳияи Поп, дар деҳаи Ҳавои ноҳияи Чуст, дар деҳаи Нанайи ноҳияи Янгиқӯрғони вилояти Наманган имрӯз наздик 200 хонадон аз шаклҳои гуногуни хидматрасонии оилавӣ ба фароғаткунандагон рӯзгори ҳуд аз нигоҳи моддӣ таъмин менамоянд.

Ба наздикӣ гурӯҳи корӣ иборат аз масъулони идораи ҳудудии Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ ва вакилони мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳолати 16 сиҳатгоҳ, 12 фароғатгоҳ, 22 объекти сайёҳӣ воқеъ дар вилояти Намангонро санҷид. Аксарияти нуқтаҳое, ки зикр ёфтанд, ба мавсиме, ки пеш истодааст, ҳарҷониба омода буданашонро исбот намуданд. Дар рафти омӯзиш таъкид ёфт баробари саранҷому сариштагӣ, яъне ба талаб ҷавобдиҳии ҳолати санитарию гигиении объектҳо хушзабонӣ, маданияти муомилаи ба намангониён хос низ дар ҷалби саёҳону зиёратгарон ба ҳӯшаҳои ҷолиби вилоят омили муҳимест.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

КАЛИМИ КОШОНӢ – ШОИРИ МАЪНИОФАР

Инҷониб ба намояндагони сабки ҳиндӣ, шоироне маъниосоз — Соиби Табрезӣ ва Калими Кошонӣ ҳусни таваччуҳ дорам. Зеро онҳо ба ғазал рӯҳи тоза бахшидаанд, каломашон аз даҳони зиндагӣ берун омадааст. Ин ду шоири қолабшикан дар аксари ҳолатҳо фикрашонро бо мисоле аз ҳаёт ё табиат таҳвият бахшидаанд. Бо кӯмаки воситаҳои тасвири бадеӣ аз табиат ё зиндагии инсонӣ ҳодисаҳоеро ба қалам медиҳанд, ки хонандаашон дидаанд ё ба мушоҳада гирифтаанд. Ин навишта ба маънисозиҳои Калими Кошонӣ ихтисос дорад.

Аз нигоҳи Калим одамони ҳудбину ҳудоро (онҳое, ки ҳудбинанд ва ба намуди зоҳирӣ — либос эътибори бештар медиҳанд) бехунаранд. Ин гунаҳо ба товусе шабоҳат доранд, ки бо вуҷуди пурзинат будани пару болашон, парида наметавонанд, яъне аз ҳунар бехабаранд. Байт:

Ҳар кӣ ҳудбину ҳудоро, зи ҳунар
бехабар аст,
Ҳамчу товус, ки пурзинату
кампарвоз аст.

Инсон мавҷудест, ки дар ҳама шароит одат мекунад. Оне, ки озод аст, зиндон дар назараш зистгоҳе даҳшатангез ҷилва мекунад, вале вақте аз қазо зиндонӣ шуд, ба зиндагӣ дар байни чор девор унс мегирад. Паррандаеро низ агар дар қафас андозед, рӯзу моҳҳои аввал саъй менамояд, ки дари қафасро шиканад, ба осмони беканор, ки сайронгоҳи ӯст, пару бол кушояд. Вале бо мурури вақт ба қафас унс мегирад, дарашро боз кунед ҳам фикри парвоз карданро надорад. Калим бо ишора ба ин ҳодиса чунин маънисозӣ кардааст:

Калим аз Ҳинд дилгирӣ
надорад,
Пас аз улфат қафас ҳам
ошён аст.

Яъне Калим дар рӯзҳои аввали зиндагӣ дар Ҳиндустон ба танг омада буд, бо мурури вақт ба муҳити он ҷо одат кард, зеро барои парранда, баъди унс гирифтан, қафас ҳам ошён аст. Шоир бо такя ба ин ҳодисаи табиӣ ҳолати рӯҳии ҳудро қаламдод кардааст.

Тариқати муҳаббат (ишқи ҳақиқӣ) расму оини ҳудашро дорад, ки дар ин оин ҳарчанд ҳуни дил мехуред, нола кардан қоида нест:

Ҳаст дар шаръи муҳаббат
расму ойини дигар,
Ҳӯрдани хун ҷоиз асту дам
задан дастур нест.

Байти дуюми як рубоии Умари Хайём низ ба ҳамин маънӣ аст:

Ишқ он набувад, ки ҳамчу
булбул нолӣ,
Ҳар гоҳ ки бимирию нанолӣ,
ишқ аст.

Дар байти поёнӣ низ як мисоли ҳаётӣ ба ҷолибияти сухани шоир афзудааст. Дар урфият мегӯянд, ки «забони сурх сари сабзро барбод медиҳад». Қалам чӯбе беш нест, вале бар асари бисёр навиштан (бозабон будан) нӯгаш суда мегардад. Лозим меояд, ки бо теғ сарашро бурида (тарошида) аз нав нӯг бароранд. Яъне бозабонӣ сари қаламро меҳӯрад. Қаҳрамони лирикӣ ҳонандаро ҳушдор медиҳад, ки аъмоли қалам бояд барои ту дарси ибрат гардад:

Безабон бош, набинӣ, ки қалам,
Бозабон асту сараш дар
хатар аст.

Калим дар байти поёнӣ ба ҳонанда ҳушдор медиҳад, ки ҳушёр бош, рӯзгор дар камин (ҷойи пинҳон), мисли он ки дузд аз пайи одами хобида аст, барои дуздидани бахти ту шабу рӯз дар ҳолати омодабош қарор дорад:

Рӯзгор андар камини бахти
мост,
Дузд доим дар пайи хобида аст.

Умари Хайём низ ба ҳамин маънӣ рубоие дорад:

Ҳуш дор, ки рӯзгор шӯрангез
аст,
Эмин манишин, ки теғи даврон
тез аст.
Дар коми ту гар замона лавзина
ниҳад,
Зинҳор фурӯ мабар, ки заҳромез
аст.

Давр тақозо дорад, ки ҷавонони мо бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, барои чор танга имоначашонро нафурӯшанд. Дар коми ту агар «замона лавзина» (чор танга) ниҳад, «зинҳор фурӯ мабар, ки заҳромез аст», яъне машаққатҳое зиёде дар пай дорад. Пора низ ҳалвоест, ки замона ба коми муфтхӯрон мегузорад, баъзеҳо дар ин дунё ранҷи онро мекашанд, баъзеи дигар, бино ба таълимоти дини ислом, дар он дунё. Бахту саодати ин дунё танҳо тавассути меҳнати ҳалол, ки инсон бояд барои ба даст овардани он нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмониашро дареғ надорад, ҳосил мегардад. Пули бадардимиён маншаи бахт нест, он сабаби харобиҳои рӯҳиву ҷисмонӣ бошад.

Байти зерин барои онҳое, ки зиндагиро боғи истироҳат меписпиранд, дарс аст. Зеро зиндагӣ ҳамеша табъи дил сурат намегирад. Марг мушкил, зиндагӣ мушкилтар аз он. Байт:

Марг талху зиндагӣ ҳам сар ба
сар дарду ғам аст,
Пушту рӯйи кори олам ҳеч гаҳ
дилхоҳ нест.

Шоирони қадим ба сад шева ин маъниро ба риштаи назм кашидаанд. Аз ҷумла, Абулқосими Фирдавсӣ ба ин маънӣ фармудааст:

Ҷунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе рӯйи зину гаҳе зин
ба пушт.

Вожаи «лоф» маъноии ҳудситоӣ, ҳудтаъриф-кунии бардурӯғу беҷо, даъвои аз ҳад зиёд ва суҳани беҳударо дорад. Қаҳрамони лирикии шоир ҳамин ҷиҳатро барои инсон нозарур ҳисобидааст. Байт:

Ҳуш он кӣ лофи ҳунар пеши
беҳунар назанад,
Агарчӣ барқ бувад, таъна бар
шарар назанад.

Ҳудситоию манманӣ, ҳоссатан назди беҳунарон, зеби инсони комил нест. Инсон ҳарчанд оташ (барқ) аст, набояд таъна ба шарар (пораҳои ҳурди ҷаҳандаи оташ) занад...

Мо намедонем ба умқи абёти болоӣ то кучо фурӯ рафтем, аммо ҳамеша дар он ақидаем, ки дигарон ба умқи баҳри афкору андешаи шоирони қадим амиқтар фурӯ мераванд ва дурри маънӣ бештар ба даст медароранд. Ва боҳтоби ин дурри маънӣ дар партави зеҳнҳо, бешак, ба хазинаи маънавии мардум, ҳоссатан ҷавонон, ҳоҳад афзуд.

А. СУБҲОНОВ.

Таълим

ТАЙЁРӢ БА СОЛИ НАВИ ХОНИШ

Ҳарчанд ки монеъгиҳои зиёд таҳдид доранд, зиндагӣ бо роҳи ҳуд равон аст.

Ғамхориҳои давлат бобати таълиму тарбияи наврасон пай дар пай зоҳир мегардад. Ҷараёнҳои навсозӣ, таъмири таълимгоҳҳо, мувофиқи талабҳои имрӯза чиҳозонидани онҳо, пайваста фароҳам овардани шароити дилхоҳ барои донишомӯзон аз ин гувоҳӣ медиҳад.

Соли хониши гузашта дар ноҳияи Ҷондор мактабҳои рақами 1, 12, 18 ва 32 аз нав сохта шуда, барои таълиму тарбияи шогирдон имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда буд. Имсол низ ин ҷараён дар ноҳия дилпурона идома дорад. Барои мукаммал таъмир намудани чор таълимгоҳи навбатӣ ва бо ин мақсад харҷ кардани 18 миллиард сӯм ҷараёни кор сурҳат гирифтааст. Аз ҷумла, ин ҷараён дар мактабҳои рақами 2 (аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Омега Агростройӣ» ба андозаи 6 миллиард сӯм), рақами 21 (аз тарафи ҶММ «СДФ» ба андозаи 3 миллиарду 700 миллион сӯм), рақами 49 (бо иштироки ҶММ «Рӯзим Саъдуллоев» ба андозаи 4 миллиарду 152 миллион сӯм) ва рақами 4 (аз тарафи ҶММ «Реал нефтгаз транс» қимати лоиҳавиаш 4 миллиарду 100 миллион сӯм) бо рӯҳбаландӣ ҷомаи амал мепӯшанд. Бояд таъкид намуд, ки мактаби рақами 4-уми ноҳия дар деҳаи дурдасти Мурғак дар бинои мувофиқгардондашудаи боғча фаъолият дошт. Ниҳоят, орзуи деринаи аҳолии деҳа ҷомаи амал мепӯшидагӣ шуд. Наврасони ин ҷо аз 1 сентябри соли ҷорӣ ба бинои нави мактаби бо тамоми имкониятҳо молик ҳоҳанд рафт.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ҲИММАТИ БОҒБОНИ 93-СОЛА

Носирбобо Тӯрақулов бошандаи деҳаи Тоҷчии ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мебошад. Ҳар нафаре, ки гузораш ба ин деҳа меафтад, албатта, ба аёдати бобо рафта, ба гирифтани дуои ӯ мешитобад.

Соли ҷорӣ бобо синни 93-ро пур кард. Ҳеч гоҳ худро куҳансол намегирад. Бо ғайрату шуҷоати ҳуд ба дигарон намуна.

Носирбобо аз соли 1981 бо боғдорӣ шуғл варзида, бо ниҳолпарварӣ ном баровард. Соли 1983 боғ ташкил намуда, парвариши меваҳои гуногунро ба роҳ монд. Аз 37 гектар замини дар тасарруфаш буда 21 гектараш замини лалмӣ, 5 гектари он боғ, 11,6 гектараш барои чорводорӣ пешбинӣ шудааст. Дар замини лалмӣ дарахтони себ, анор, ангур, писта, зардолу ғарқи ҳосиланд. Соли ғузашта аз ин боғ 200 тонна меваи гуногун ғундоштанд. Соли ҷорӣ дар тараддуди боз ҳам бештар рӯёндани ҳосил мебошанд.

Меҳнати боборо қадр карда соли 2003 бо медали «Шуҳрат» тақдир намуданд. Соли 2011 дар озмуни ҷумҳурии «Ташаббус» ба туҳфаи Президент сарфароз гардид. Носирбобо ҳамчун намунаи ибрат ба ҷавонон солҳои зиёд ба дастархони мардум дастрас намудани меваҳои ширини ҳудро орзу мекунад.

Дар сурат: Носирбобо Тӯрақулов.

Суратгир: Ҷонибек ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).

РӮНАМОИИ КИТОБИ «ОВОЗИ САМАРҚАНД: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ»

БА ТАРИҚИ ОНЛАЙН БАРГУЗОР ГАРДИД

Дирӯз дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд ба муносибати Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ тақдимоти китоби «Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз» ба тарзи онлайн доир гардид.

Тадбир дар ҳамкории шуъбаи вилоятии Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон, Садорати ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии вилоят, Маркази миллию маданиятии тоҷик ва тоҷикзабонони вилоят ва таҳририяти рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» гузаронида шуд.

Дар рӯнамоии китоб, ки тавассути барномаи интернетии ZOOM доир гардид, рӯзноманигорон, аҳли фарҳанг, ҳабарнигорони ҷамоатии рӯзномаи "Овози Самарқанд" ва дӯстдорони илму фарҳанг иштирок намуданд.

Тадбирро раиси шӯъбаи вилоятии Иттиҳоди эҷодии журналистони Ӯзбекистон, сармуҳаррири таҳририяти муштараки рӯзномаҳои вилоятии «Зарафшон» ва «Самарқандский вестник» Фармон Тошев ифтитоҳ бахшид.

Зикр гашт, ки дар мамлакат ба масъалаи рушди фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ, фароҳам намудани шароитҳои мусоиди корӣ барои рӯзноманигорон, дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо, таъмин сохтани ба мардум пешкаш кардани ахбори шаффоф, холис ва беғараз эътибор дода мешавад. Дар ин замина пойгоҳи моддию техникии таҳририятҳо беҳтар гардида, онҳо ба амалҳои нек даст мезананд, тадбиру вохӯриҳои фарҳангӣ ташкил мекунанд, китобҳо чоп менамоянд.

Сипас, Қаҳрамони Ӯзбекистон, ҷонишини сарвари Садорати дастгирии маҳалла ва оила доир ба ҷонибдории солхӯрдагону собиқадорон ва афзунсозии фаъолнокии иҷтимоии онҳо Ҳасан Нормуродов дар бораи таъриҳи ташкили рӯзномаи "Овози Самарқанд", оид ба сармуҳаррирон ва рӯзноманигорони фидокоре, ки баҳри вусъати кори нашрия талош кардаанд, ҳарф зада, таъкид кард, ки китоби "Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз" солномаи рӯзномаи сулолаи вилоятӣ аст. Ҳар шахсе, ки онро варақ мезанад, бо фаъолияти беш аз чорякасринаи рӯзнома аз наздик шинос мешавад. Нотиқ хизмати ҷамоаи эҷодии рӯзнома, боло рафтани нуфузи "Овози Самарқанд" дар бозори ҷаҳонии ахбор, рангорангии мундариҷаи онро алоҳида таъкид кард.

Сармуҳаррири рӯзнома Баҳодур Раҳмонов нахуст ҳозиронро хайрамақдам гуфта, дар бораи раванди омодасозии китоби «Овози Самарқанд: дирӯз ва имрӯз», заҳмати кормандони эҷодӣ, вазифа ва нақшаҳои ояндаи таҳририят сухан гуфт.

– Имрӯз фаъолияти рӯзномаҳо набояд танҳо бо чопи газета маҳдуд шавад, – ибрози дошт ӯ. – Чопи китобҳо, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва тарғиботӣ барои мустаҳкам гардидани робитаи байни матбуот ва халқ хизмат мекунанд. Бинобар ин, мо тӯли ду соли охир бо ҷамоаи эҷодӣ дар радифи ташкили тадбирҳо, панҷ китобро чоп ва пешкаши муштариёну аҳли фарҳанг кардем. Нияти дорем ин кори ҳудро дар оянда ҳам идома диҳем.

Дар анҷом ба як гурӯҳ ҳабарнигорони фаъоли ҷамоативу ҳамкорон ташаккурнома ва китобҳо туҳфа карда шуданд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «AMANIYAZ MEBEL»-и ноҳияи Қароузаки Қароқалпоқистон мебел, дарҳои ҳозирзамон ва чаҳорчӯбаҳои алюминии тиреза истеҳсол мекунанд.

Ҷамъият соли 2017 таъсис ёфтааст. Ба туфайли 40 миллион сӯме, ки филиали «Халқ банки»-и ноҳияи Қароузак дар соли 2018 ва 60 миллион сӯм дар соли 2019 ҷудо кардааст, заминаи моддию техникии корхона такмил ёфта, истеҳсолот афзоиш ёфтааст. Ҳоло дар ин ҷо 10 нафар кор мекунанд.

– Мо дар асоси фармоишҳои корхонаҳо ва аҳолии ноҳияҳои Тахтакӯпир ва Қароузак мебелҳои гуногун истеҳсол мекунем, – мегӯяд роҳбари ширкат Аманияз Қосбармаков. – Дар оянда, мо нақша дорем, ки фаъолиятамонро васеъ кунем, шумораи кормандонро зиёд намуда, барои дарвозаву дарҳои замонавии оҳанин фармоиш гирем.

Дар сурат: *дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «AMANIYAZ MEBEL»-и ноҳияи Қароузак.*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).

Дар ноҳияи Кӯштеппа ҳокими вилоят Шуҳрат Ғаниев бо ҷавонон мулоқот баргузор кард. Он хеле ошкорову самимӣ гузашт.

МУЛОҚОТИ ОШКОРОВУ САМИМӢ

– Дар се соли охир Президенти мамлакат теъдоди қабули квотаҳо ба донишгоҳҳои кишварамонро аз 90 ҳазор ба 204 ҳазор боло бурд. Дар донишгоҳҳои вилоят соли равон 23 ҳазор ҷавонон ба таҳсил фаро гирифта хоҳанд шуд, – гуфт Шуҳрат Ғаниев.

Ҳоким афзуд, ки дар донишгоҳҳои қаламрави вилоят устодоне кору фаъолият мекунанд, ки ба илму фарҳанг, тарбия ва ба камол расонидани ҷавонон саҳми беназир мегузоранд.

Дар ҷараёни мулоқот қайд гардид, ки ҷавонони ноҳияи Кӯштеппа дар боло рафтани эътибор ва нуфузи вилоят ҷаҳд мекунанд. Дар миёни онҳо аълохонҳо, варзишгарони моҳир ва иштирокчиёни мусобиқаҳои гуногуни фанниву варзишӣ хеле зиёданд. Яке аз ин ҷавонон хатмкунандаи коллеҷи нақлиёти ноҳия Амирбек Орипов мебошад. Вай дар мусобиқаҳои зиёди вилоятиву ҷумҳуриявӣ аз рӯи бокс ширкат мекунад. Ҳоло ният дорад, ки дар Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил намояд ва дар баробари омӯзиш дар назди ин донишгоҳ мактаби боксро ташкил карда, ҳамтоёни ҳудро машқ диҳад.

Мадина Ҳошимова гуфт, ки мактаби махсуси рақами 2-юмро бо медали тилло хатм кардааст. Ӯ меҳоҳад, ки ба донишгоҳ дохил шавад ва дар оянда муаллимаи забон ва адабиёт шавад. Ҳамчунин, Шоистахон Ҳамроалиева, Оминахон Ҷабборова, Шерзодбек Одилов, Зулолахон Муъминова, Муҳаммадрасул Миролимов барин ҷавонони ноҳия, ки мактабҳои таълимоти умумӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунарро хатм кардаанд, ибрози доштанд, ки ба донишгоҳҳо даромада, соҳиби касбу кор мешаванд ва ба халқу Ватани азизи ҳуд хидмат мекунанд.

Тавре ки дар мулоқот гуфта шуд, Файзулло Маъруфҷонов сехи трикотаж ташкил кардааст ва ҳафт нафар ҷавонон ҳоло дар ин сех бо кор таъмин карда шудаанд. Аҳлиддин Каримов парвариши занбӯри асалро интихоб кардааст. Ҳокими вилоят ваъда дод, ки ба ин ду ҷавони ноҳия барои тавсеаи фаъолияти соҳибкориашон 30 миллион сӯмӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда медиҳад.

Ректорони Донишгоҳи давлатии Фарғона, бахшҳои фарғонагии Донишгоҳи ахбору технологияи Тошканд, Академияи тиббии Тошканд, Донишкадаи политехникии Фарғона ва амсоли онҳо дар ин мулоқот ширкат варзиданд ва ҷавононро аз навигариҳои шартҳои қабул хабардор намуданд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори "Овози тоҷик".
Вилояти ФАРҒОНА.

ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ

КОРМАНДОНИ МО МАСЪУЛИЯТИ БЕШТАР ҲИС МЕКУНАНД

Муассисаи махсуси давлатии таълими томактабии рақами 9 воқеъ дар ҷамоати шаҳрвандони Тӯдаи ноҳияи Балиқчӣ аз сентябри соли 2015 ба фаъолият оғоз намудааст. Он бар асоси қарори ҳокими ноҳия ба муассисаи махсуси томактабӣ табдил ёфтааст.

– Ҳоло мо дар биное ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул ҳастем, ки соли 1974 сохта шудааст,– гуфт мудираи он Дилдора Маҳмудова. Баъд моро ба дохили бино ҳидоят намуд.

Аммо ин ҳарфҳои мудира маро дар ҳайрат гузошт, зеро фикр кардам, ки ин бинои боғча чанде пеш сохта шудаву мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Дару тирезаҳо ва долону деворҳои берун ва дохили бино хеле устокорона тармим шуда буд. Аз ин лиҳоз шахсе, ки бори аввал вориди ҳавлии боғча мешавад, тасаввур мекунад, ки бино нав сохта шудааст.

Ҳар як хона бо ҷиҳози зарурӣ муҷаҳҳаз ва барои истироҳату бозии кӯдакон тамоми ашёи лозимиро мусҳайё карда буданд. Баъди тавзеҳи мудира фаҳмидам, ки дар ин муассисаи томактабӣ кӯдаконе ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд, ки узви онҳо нуқс дорад ва барои нигоҳубину таълим ва тарбияи хос ниёзманд ҳастанд.

– Ҳоло мавсими карантин идома дорад. Дар ин давра мо талош карда истодаем, ки аз он босамар истифода намоем. Кормандони мо бештари вақташонро ин ҷо сарф мекунанд ва ба муҷаҳҳаз сохтани утоқҳо, овезон кардани суратҳои ранга ва монанди он машғул мебошанд. Ҳадафамон ҳамин аст, ки то ба поён расидани муҳлати карантин муассисаамонро аз ҳар ҷиҳат барои қабули дубораи фарзандони аз лиҳози ҷисмонӣ ноқис комилан тайёр кунем,– изҳор кард Д. Маҳмудова.

Тавре ки вай боз тазаккур дод, дар ин муассиса кӯдакон мувофиқи хулосаи аъзои комиссияи махсус ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Зеро онҳо кӯдакони нуқсондор ба шумор мераванд ва баъдан дар кадом муассисаи хос ба таълиму тарбия фаро гирифта шудани онҳоро низ аъзои ҳамин комиссия муайян мекунад.

– Дар 11 гурӯҳ ба 120 нафар кӯдакони синни томактабӣ таълиму тарбия медиҳем. 70 нафари онҳоро кӯдаконе ташкил медиҳанд, ки дар узвашон ягон нуқсон мавҷуд аст. 50 нафари боқимонда дорои нуқси нутқӣ мебошанд. Ба ин кӯдакон тарбиячиёну мутахассисони мо ҷиддан машғул мешаванд,– меғӯяд мудира.

– Чанд нафар ходим доред ва чанд нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ ҳастанд?– пурсидам аз Дилдора Маҳмудова.

– 18 нафар кормандони моро мутахассисони дорои маълумоти олӣ ташкил мекунанд, 36 нафар тарбиячиёнанд, ки маълумоти миёнаи махсус доранд. Дар айни ҳол як гурӯҳи ин тарбиячиён барои гирифтани маълумоти олӣ дар бахшҳои ғоибонаи донишгоҳҳо машғули таҳсил мебошанд.

– Пас, дар боғчаи шумо муаммои таъмини кадр мавҷуд нест?

– Бале. Нуктаи дигаре, ки кору фаъолияти моро аз муассисаҳои дигари томактабӣ фарқ мекунонад, ҳамин аст, ки як бахши корамон дахуним соатро дар бар мегирад. Баъди машғулият ва истироҳату бозӣ падару модар кӯдаки худро аз ин ҷо ба хонаҳои худ мебаранд. Аммо дар мо ҳамчунин кори 24-соата мавҷуд аст, ки кормандонамон шабонарӯз ба нигоҳубини кӯдакон машғул мешаванд, зеро ин кӯдакон шабона дар муассиса мемонанд. Онҳо ба нигоҳубини доимӣ ниёз доранд,– меғӯяд Дилдора Маҳмудова.

Дилдора Маҳмудова боз ишора намуд, ки фаъолияти онҳо бар асоси қарори Девони Вазирон "Дар бораи чораву тадбирҳои такмил додани фаъолияти ташкилотҳои таълими томактабӣ" аз 13 майи соли 2019, пиёда мешавад. Ходимони муассиса хӯҷатҳоро тибқи фармони рақами 183-юми Вазорати таълими томактабӣ расмӣ мекунонанд.

– Мо аз сарвари давлат ва ҳукумат хеле сипосгузорем. Зеро имкон фароҳам оварда шудааст, ки бинои кӯҳна комилан тармим карда шавад. Марказгармии мо низ дар ин муддат хеле хуб тармим гардид. Ҳоло шаш деги хурди бухор насб шудааст, ки тавассути онҳо дар фасли сармо ҳамаи утоқҳои муассисаамон муҳтадил гарм карда мешаванд,– гуфт Дилдора Маҳмудова.

Дар ин муассиса ҳавзи шиноварӣ, майдончаҳо барои варзишу бозӣ дубора ба ихтиёри кӯдакон қарор хоҳанд гирифт.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори
"Овози тоҷик".
Вилояти АНДИҶОН.

Чемпиони ҷаҳон ва олимпиада оид ба бокс Шаҳобиддин Зоиров ба қариби меҳмони ҷавонони қаровулбозорӣ гардид.

ВОҲӮРИИ ЧЕМПИОН БО ҶАВОНОН

Дар қасри маданияти заводи коркарди нафти Бухоро ба вай лозим омад, ки бо мухлисони варзиш, наврасон, варзишгарони ҷавон, ки дар мусобиқаҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ ва ҳатто байналхалқӣ иштирок намуда комёб гардидаанд, мулоқот кунад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки як соли охир варзишгарони ноҳия дар 39 мусобиқаи гуногун иштирок намуда, дар мусобиқаҳои байналхалқӣ соҳиби 2 медали нуқра, 6 медали биринҷӣ, дар қувваозмоиҳои ҷумҳуриявӣ 1 медали тилло, 2 медали нуқра, 2 медали биринҷӣ, барои ҷоми ҷумҳурӣ 6 медали тилло, 6 медали нуқра ва зиёда аз 10 медали биринҷиро ба даст даровардааанд. Ҳоло дар 21 намуди маҳфили варзишии ноҳия бештар аз 1600 нафар наврасон маҳорати худро такмил медиҳанд. Хабардоршавӣ аз роҳи зиндагии муштзани шуҳратманд, ки ба роҳхати олимпиадаи Токио кайҳо соҳиб шудааст, «асрор»-и комёбиҳо, муҳити оила ва устодони сахтгири Ш. Зоиров барои ҳар як иштироккунандаи вохӯрӣ хеле мароқнок буд. Намоиши иқтидори варзишии Шаҳобиддин дар маскани варзишӣ-солимгардонии «Нефтчи» барои мухлисони ҷавон хеле шавқовар буд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Аҷаб диёрест

ФЕҶАК



Қалъаи Феҷак. Амали рассом Комрони Ҳамидулло.

Феҷак яке аз дараҳои дӯстдоштаи аҳли Эҷ аст. Ин дараи хушбоду ҳаво бо ҳама зебоӣ ва дилкашии худ ба мисли як гӯшаи биҳиштӣ дар дилу дидаи онҳо ҷо гирифтааст. Он беҳтарин маҳал барои сайругашт, осоиш ва тамошо. Исми «феҷак» ҳаммонанди вожаи «эҷ» барои ҳар фарди деҳа муқаддас ҳисобида мешавад.

Бино ба шарҳи фарҳангҳои муътабар, аз ҷумла, «Мунтаҳо-ул-араб», «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Фарҳанги форсӣ»-и Муин, решаи калимаи феҷак – «феҷ», «файҷ» муарраб (арабишуда)-и вожаи «пайк» аст. Бо гирифтани пасванди «ак» маънии хоси қосид, паёмрасон, хабардиҳандаро ифода мекунад. Ба эҳтимоли зиёд, ба ин маънӣ ном бурдани дара ба қалъаи он, ки қадимтарин ёдгории маҳал ба шумор меравад, вобаста аст. Ин қалъа дар баландии тақрибан 1500 м аз сатҳи баҳр, дар болои доманакӯҳи васатии дараҳои Феҷаки обдор ва Феҷаки беоб, бар фарози кӯҳи баланди чашмаи он (дар самти чап) сохта шудааст. Аз роҳравҳои атроф ва болои девори қалъа тамоми дара ва даромадгоҳи деҳа, гӯё ки бар рӯйи кафи даст ҳобида, дида мешавад. Он бо дидбони саргаҳи Эҷ – Тепилӯлок дар як хати дид қарор дорад, ки метавонистааанд бо ҳар гуна имову ишора хабарҳои мухталифро ба ҳамдигар расонанд.

Тӯли дараи Феҷак ҳудудан 8 км буда, саршавиаш аз гузари Дарифеҷак аст ва бо баландкӯҳи амудии «Кунҷи Феҷак» ба поён мерасад. Раҳораҳ аз нишеб ба фароз аз новаи Чӯғчояк, маҳалли Хоккӣ, кӯҳи Харкуш, новаҳои Феҷаки беоб, Феҷаки обдор ва Ғорикон ташкил меёбад. Агарчи дар гузашта ва то солҳои чилуми асри бистум дараи Феҷак саросар дарахтзору буттазор ва пур аз ҳайвону мурғони кӯҳӣ будааст, ҳоло он неъматҳо ба нудрат ба чашм мехӯранд, вале, хушбахтона, обу ҳавои дилосояш боқӣ мондааст.

Ба хусус, чашмаи Феҷак, ки дар маҳзи дара, дар қисми поёнии қалъаи он (4,5 км аз деҳа) воқеъ аст ва ҳавзи хурдакеро ҳосил намуда, боғҳои поиндасташро шодоб мегардонад, дар сахттарин хушксолиҳо низ хушк нашудааст. Ин обхӯри бо сафо ва поки табиӣ чанд саднсола ё ҳазорсолаҳо арзи вуҷуд мекунад, касе намедонад. Оби сарду ширини он аз маҳзи кӯҳ ҷӯш зада мебарояд ва баҳору зимистон дамои яксон дорад ва на кам мешаваду на зиёд. Агарчи гиёҳону дарахтони доманакӯҳҳои дараи Феҷак аз дасти одамону чорвои онҳо сол ба сол тунуку нобуд шудааанд, аммо чашмаи он ҳамеша бо ҷамоли пештара чеҳра боз мекунад ва ҷорӣ асту ҷорӣ.

Дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта ду нафар муаллими деҳа – Йӯлдоши Самад ва Чӯрақули Содиқ поёнӣ чашмаро обод карда боғ бунёд кардааанд. Ҳоло поинтар аз онҳо боғи Бобомуродака низ ба ҳусни дара зебоӣ мебахшад. Фазои сабзу дарахтзори ҳар як боғ аз ҳастии чашмаи Феҷак ва нишоти он гувоҳӣ медиҳад.

Атрофи Чашмаи Феҷак маҳалли истироҳат ва сайругашти хурду калони деҳа ва ҷойи ҷашну рафъи хастагии аз роҳ расидагон аст. Ҳар кӣ аз молбонӣ ё ҳезумкашӣ ё гардиши дара бармегардад, ҳатман дар назди чашма дам мегирад. Ва дар ин лаҳзаҳо нони танӯрии эҷиро тар карда хӯрдан чӣ лаззату маза дорад!

Чашмаи Феҷак қалби дараи тӯлонии Феҷак аст. Пас аз он ки кафҳои дастро пур карда ба серӣ аз обаш меҳӯред, метавонед аз самти чапи он ба ҳисори қадимаи аз замони суғдиҳо боқимонда – қалъаи босалобати Феҷак ва аз самти рост ба тарафи яке аз қадимтарин ғорҳои кӯҳии ришталкӯҳҳои Нурато – Ғорикон баланд шавед. Роҳи морпечи васати дара то ба кунҷи дараи Феҷак мерасад ва аз фарози қуллаи он ба дараҳои хушманзари Пирвешу Гулдор роҳ ҳаст...

Бино ба пажӯҳишҳои доктори улуми меъморӣ, бостоншинос Додо Нозилов шеваи сохтусози хонача, роҳрав, тоҳҳо ва девори гирди қалъаи Феҷак (арзи он бештар аз як метр аст ва дар похсааш сангҳое гузошта шудааст, ки имрӯз онҳоро фақат автокран бардошта метавонад!) дақиқан ба мисли тарҳи хонасозии суғдиён аст. Дар канори ин амали ҳафриётӣ пайдо шудани похсаҳои сангин, кӯзаю хум ва абзори оҳанию мисин дар гузарҳои Доничак, Тепилӯлок ва Кӯҳи Сафеди деҳа далели муҳтамад бар он мебошад, ки пешинаи қалъаи Феҷак ва Эҷ ба асрҳои пеш аз милод мерасад.

Ба хусус, дар айёми наврӯзӣ доманакӯҳҳои Феҷак пур аз одам мешавад. Боиси хушнудист, ки ин дараи босафо ҳанӯз ҳам кабки зиёд дорад, дар миёни сангу харсангҳояш ривоҷи туршмазаи сероб меруяд, камубеш дарахтони мишаю шибдору бодомаш мондааанд, дар доманакӯҳи самти Ғорикон ҳар сол майдонҳои лолазор чеҳра боз мекунанд. Дар хусуси дараи Феҷак, чашмаю қалъа ва неъматҳои он суханҳои нек ва шеърҳои сара бисёр ҷуфта шудааст. Чунончи, яке аз манзумаҳои маъруф дар бораи қалъаи Феҷак ба қалами шоири маҳаллӣ Шакар Сайфӣ мансуб аст. Шоир дар ин манзума бо сӯз меғӯяд:

Қалъаи Феҷак сари кӯҳ,
ин замон вайрона гашта,
Таърихаш дар байни мардум,
қиссаю афсона гашта.
Буда аммо рӯзгоре,
к-ӯ паноҳи мардумон буд,
Баҳри ҳифзи номуси халқ,
садди роҳи душманон буд.
Қалъаи Феҷак сари кӯҳ,
ин замон вайрона гашта,
Хонаи аҷдодии мо,
бодҳоро хона гашта...

Юнуси ИМОМНАЗАР.

ТАҶРИБАИ МАКТАБИ КУЛОЛГАРИИ РИШТОН ПАҲН МЕҒАРДАД

Дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона бо кумаки молиявии «Ӯзсаноатқурилишбанк» корҳои барпо намудани хонадони кулолгарон ва музей-галереяҳо барои 20 нафар кулол-ҳунармандон оғоз ёфт.

Ба мақсади иҷрои қарори Президент аз 28 ноябри соли 2019 «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба рушди минбаъдаи ҳунармандӣ ва дастгирии ҳунармандон» оиди ҷалб намудани ҷавонон, занон ва қисми камтаъмини аҳолӣ бо ҳунарҳои миллӣ ва тавассути он таъмин кардани онҳо бо ҷойҳои кор ба зиммаи бонкҳои тиҷоратӣ вазифаҳои устувор гузошта шудааст.

– Барои тарғиби васеи таҷрибаи мактаби кулолгарии Риштон ривоҷ додани анъанаҳои равияи «Устоду шогирд» дар миқёси ҷумҳурӣ мувофиқгардонии лоиҳаҳои оиди соҳа ва бо маблағ таъминкунии он банк якҷо бо ташкилоти мутасаддӣ муассисаи масъул таъин шудааст, – шарҳ дод роҳбари ахбори бонки «Ӯзсаноатқурилиш» Беҳзод Бозоров. – Алҳол барои самаранок иҷро кардани ин супоришот як қатор корҳо ба амал бароварда мешаванд.

Гуфта шуд, ки масалан, дар бонк самти нав – шуъбаи дастгирии кулолгарӣ ташкил шудааст. Дар филиалҳои минтақавӣ ходимони масъул таъин гардидааанд. Онҳо якҷо бо намояндагони ҳокимиятҳои вилоят, ноҳияҳо ҳамкориро ба роҳ монда, «Харитаи роҳ»-ро кор карда бароварда ба фаъолият шурӯъ намуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона барои 20 нафар кулол-ҳунармандон корҳои сохтани хонадони кулолгарони дуқабата, ки ҳар яки он 462 метри мураббаъ аст ва музей оғоз гардид. Қабати аввал устохона ва дӯкони савдо, инчунин дар атрофи ин хонадонҳо корҳои ободгардонӣ низ бурда мешавад. Барои ин сохтмон бо қарори ҳокимияти вилоят 1,1 гектар замини ҳудуд ба захираи ҳокимияти ноҳияи Риштон гузаронида шуд. Ба бунёди маҷмӯаи мазкур 12 миллиард сӯмина инвеститсия дохил гардида, дар давоми 4-5 моҳ он сохта ба истифода супурда мешавад.

Инчунин, бонк якҷо ба иттиҳодия «Ҳунарманд» ва ҳокимиятҳои вилоятҳо барои боз ба 30 шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ дохил кардани мактаби кулолгарии Риштон ба амал бароварданӣ 60 лоиҳаи қиматаш 25,1 миллиард сӯмина ва барпо намудани қариб 400 ҷойи нави кориро ба нақша даровардааст.

Дар ба дунё машҳуршавии кулолгарии Риштон, ки таърихи чандасра дорад, баробари Алишер Назиров ва Рустам Усмонов барин кулолҳои номвар Шарофиддин Юсупов низ хидмати босазо мекунад. Вай ба туфайли истеъдоди нодир дар ИМА, Фаронса ва Русия барин мамлакатҳои дунё низ шуҳратманд мебошад. Муъҷизаҳои кулолгарӣ, ки ӯ меофарад, имрӯзҳо дар осорхонаҳои як қатор мамлакатҳои олам нигоҳ дошта мешаванд.

Дар сурат: *академики Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон, Арбоби санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, соҳиби ордени «Фидокорона хизматлари учун»* ***Шарофиддин Юсупов.***

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).

Алҳол мувофиқи нақшаи тасдиқшуда барои ба амал бароварданӣ 23 лоиҳа ба маблағи қариб 960 миллион сӯм ҷудо карда, барои гузаронидани дарси маҳорати таҷрибаи мактаби кулолгарии Риштон 4 нафар кулолгарони усто ба вилоятҳо вобаста карда шудааанд.

Г. КАБИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

ХАБАРҲО

ИДИ ДӮСТӢ ДАР ҚАРОКӮЛ

Дар техникуми тиббиёти Қарокӯл бахшида ба дӯстии халқҳои Ӯзбекистону Туркманистон тадбир ба амал омад. Дар он Сафири Фавқулодда ва Мухтори Туркманистон дар Ӯзбекистон Язгулӣ Мамедов, узви Сенати Олий Маҷлис, Мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оиди масъалаҳои муроҷиатҳои шаҳрвандон, вазири вазъиятҳои фавқулодда Турсинхон Худойбергенов, ҷонишини вазири корҳои хориҷӣ Илҳомҷон Неъматов, инчунин намояндагони маркази миллӣ-мадании туркманҳо ва талабагон иштирок карданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки на фақат расму оин, тарзи зиндагӣ, балки муқаддасот, илму фарҳанги ин ду халқ низ муштарак аст. Боиси хушнудист, ки имрӯз ҷавонони зиёди мамлакати ҳамсоя дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси кишварамон таълим мегиранд.Танҳо дар техникуми тиббии Қарокӯл аз соли 2008 то ҳол қариб 500 нафар писарону духтарони туркман таълим гирифта ба фаъолият сар кардаанд. Соли хониши ҷорӣ дар ин маскани тиббӣ 35 нафар ҷавонони туркман таълиму тарбия гирифтанд. Меҳмонон бо осорхонае,ки аз ҷониби талабагони туркман созмон ёфтааст, шинос шуданд. Бояд эътироф намуд, ки робитаҳои дӯстии мо дар кулли соҳаҳо акси худро ёфтааст. Шаҳрванди Туркманистон Миратназар Байлиев дар маркази хидматҳои давлатии Қарокӯл якуним сол муқаддам аз қайд гузашта, баҳри истеҳсоли сачоқ дар ҳудуди хурди саноатии маҳаллаи Хоҷагон азму кӯшиш дорад. Ҳоло ин соҳибкор ба андозаи 100 ҳазор доллар сармояи хориҷиро аз ҳуд карда, корҳои бинокориро ба сомон мерасонад. Имрӯзҳо дар сарзамини мо баҳри рушди алоқаҳои дӯстӣ имкониятҳои васеъ фароҳам омадааст.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ҲЕЧ КАС ДАР КАНОР НАМЕМОНАД

Кушодадилӣ, саховатпешагӣ ва кӯмак расонидан ба оилаҳои камтаъмин дар давраи пандемияи коронавирус барои дастгирии оилаҳои камтаъмин омили муҳим гардид.

Мувофиқи Фармони Президент аз 24 апрели соли 2020 дар назди шуъбаи ноҳиявии фонди ҷамоатии хайрияи «Маҳалла» Маркази мувофиқгардонии хайрияи ҳомиён ва саховатпешагон «Саховат ва кӯмак» созмон ёфта, ба фаъолият шурӯъ кард. Аз ҳисоби маблағи марказ ба 2180 нафар оилаҳои камтаъмин, маъюб, дар карантинбудагон ва эҳтиёҷманди 77 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳияамон ба миқдори 154877,8 ҳазор сӯмина маҳсулоти хӯрокворӣ пешниҳод карда шуд.

Барои 20 нафар шаҳрвандони танҳо ва ба муҳтоҷи ҳимоя, ки аз тарафи Иттиҳодияи тиббии ноҳия ба рӯйхат гирифта шудааанд, 11 номгӯй масолеҳи хӯрокворӣ расонда дода шуд.

Инчунин, аз тарафи марказ ба шаҳрвандоне, ки дар давраи карантин душворӣ мекашанд, кӯмаки моддӣ расонда шуд. Чунин корҳои хайр имрӯз низ давом мекунанд.

Маҳмудҷон ИМОМНАЗАРОВ,
сардори штаби маркази мувофиқгардонии хайрияи ҳомиён ва саховатпешагони хазинаи «Саховат ва кӯмак»-и ноҳияи Попи вилояти Намангон.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-635. Адади нашр 975, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.20

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.